«Тасдиқ мекунам»
ректори Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров»
__________профессор Усмонзода А.И.
«_04_» _октябр_ соли 2022

**ХУЛОСАИ**

**маҷлиси васеи шурои олимони факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба экспертизаи давраи дуюми диссертатсияи Ҳомидова Ш.М. дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ). – Хуҷанд, 2022. – 193 саҳ.**

Диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» дар кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) иҷро шудааст.

Роҳбари илмии докторант д.и.ф, муовини директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» Нуров Нуралӣ Норович мебошад.

Муҳокима ва экспертизаи давраи якуми диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» санаи 23-юми апрели 2021, протоколи № 9 баргузор гаштааст.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос.**

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) мувофиқат дорад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқот дар заминаи Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми декабри соли 2014 таҳти №765 «Дар бораи номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020» ва «Барномаи дурнамои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи адабиёти классикии тоҷик барои солҳои 2016-2020: Матншиносӣ, таҳияву тасҳеҳ ва нашри осори адабӣ» анҷом ёфтааст.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ бо муҳтавои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷмуаҳои илмӣ ва маҷаллаҳои давр тавассути фишурда (автореферат) ва 12 номгӯй мақолаи илмӣ, (аз ҷумла, 4 мақола дар нашрияҳои дар қайди КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, манзури доираи васеи хонандагон гардонида шудааст, чунончи:

**Мақолоте, ки аз рӯйи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нашр расидаанд:**

**I.** Мақолаҳо дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда:

**[1-М].** Ҳомидова, Ш. Баррасии хусусиятҳои ашъори занони суханвари ҳавзаи адабии Хуҷанд дар асри XIX ва ибтидои асри XX [Матн] / Ш.Ҳомидова // Ахбори ДДҲБСТ. – Хуҷанд, 2018 -№3 (76). – С.68-77.

**[2-М].** Ҳомидова, Ш. Баъзе мулоҳизаҳо роҷеъ ба матншиносии мухаммаси Зоири Хуҷандӣ бар ғазали Бедил [Матн] / Ш.Ҳомидова // Ахбори ДДҲБСТ. – Хуҷанд, 2019 -№2 (79). – С.47-57.

**[3-М].** Ҳомидова, Ш. Муштаракоти адабии Шамсиддин Шоҳин ва Тошхоҷа Асирӣ [Матн] / Ш.Ҳомидова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2019 -№6 (83). – С.123-127.

**[4-М].** Homidova, Sh. Nozil Khujandi and the Development of Irsoli Masal Rubai in the Literature Referring to the XIX-th Century [Text] / Sh.

Homidova. Scientific Notes. – Khujand: Nuri Ma› rifat, 2020. -№3 (64). – PP.114-120.

II. Мақолаҳое, ки дар маҷалла ва маҷмуаҳои
илмӣ ба табъ расидаанд:

**[5-М].** Ҳомидова, Ш. Мазмун ва мундариҷаи ғазалиёти Файёзи Хуҷандӣ [Матн] / Ш.Ҳомидова // Дин ва ҷомеа (Маҷаллаи динӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ). – Душанбе, 2016. – С.42 - 44.

**[6-М].** Ҳомидова, Ш. Истиқболи Файёзи Хуҷандӣ аз Ҳофизи Шерозӣ [Матн] / Ш.Ҳомидова // Камоли одамӣ (Маҷмуаи мақолаҳо бахшида ба 50 солагии Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Мироватов М.С. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2016. – С.430-434.

**[7-М].** Ҳомидова, Ш. Саҳми устод Садриддин Айнӣ дар омӯзиши мероси адибони ҳавзаи адабии Хуҷанд [Матн] / Ш.Ҳомидова // Маҷмуаи мақолот (Маводи ҳамоиши байналмилалии «Устод Садриддин Айнӣ поягузори адабиёти реалистии халқҳои Осиёи Марказӣ»). – Душанбе, 2018. – С.259-266.

**[8-М].** Ҳомидова, Ш. Мақоми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд [Матн] / Ш.Ҳомидова // Маҷмуаи мақолот (Маводи ҳамоиши ҷумҳуриявии «Садриддин Айнӣ ва масъалаҳои рушди адабиёти навини тоҷик»). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018 – С. 442-448.

**[9-М].** Ҳомидова, Ш. Истифодаи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Файёзи Хуҷандӣ [Матн] / Ш.Ҳомидова // Раҳоварди олимони ҷавон. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019 – С.232-238.

**[10-М].** Ҳомидова, Ш. Мавзуъ ва муҳтавои жанри ғазал дар адабиёти асрҳои XVIII ва XIX ҳавзаи адабии Хуҷанд [Матн] /Ш.Ҳомидова // Суханшиноси ҷавон. Маҷмуаи мақолаҳои илмии устодон, унвонҷӯён ва аспирантони ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – С.227-240.

**[11-М].** Ҳомидова, Ш. Таъсири мактаби адабии Шайх Камол ба шуарои асрҳои XVIII ва XIX-и ҳавзаи адабии Хуҷанд [Матн] / Ш.Ҳомидова // Маҷмуаи мақолот (Маводи ҳамоиши ҷумҳуриявӣ бахшида ба 700 солагии Камоли Хуҷандӣ «Ёдкарди Камол») – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – С.572-585.

**[12-М].** Ҳомидова, Ш. Таҳаввули жанри рубоӣ дар ашъори Нозили Хуҷандӣ [Матн] / Ш.Ҳомидова // Фаслномаи илмӣ-адабии Камоли Хуҷандӣ. – Хуҷанд, 2021 -№2 (26). – С.116-124.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ва ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсия тавассути маъруза ва гузоришоти илмӣ дар конференсияҳои илмию амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва семинарҳои методӣ ба олимону омӯзгорони МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» манзур карда шудааст.

Матлабҳои амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот зимни «Хулосаҳо»-и диссертатсия дар интишороти муаллиф (бо ишора ба рақами мақолаҳо) ва қисмати «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот» нишон дода шудаанд.

Гузашта аз ин, натиҷаҳои диссертатсия барои таҳияи мавод оид ба таълими фанҳои сабкшиносӣ, назарияи адабиёт, матншиносӣ, ҷараён ва мактабҳои адабӣ, баёзҳои адабӣ, поэтика ва таҳаввули жанрҳои адабӣ, заминаи муфид ба ҳисоб меравад. Маводи рисола барои минбаъд мавриди таҳқиқ қарор додани эҷодиёти намояндагони алоҳидаи адабии Хуҷанд дар ин давра мавриди истифода қарор дода хоҳанд шуд.

Дар асоси матолиби рисола имкон дорад, ки дар оянда такмилаи «Тазкираи шуарои Хуҷанд»-и профессор А.Насриддин таҳия гардида, баробари ин, рӯзгор ва осори шоирони ношинохта ва муаррифинагардида мавриди таҳқиқ қарор гирифта шавад. Ҳамчунин, мероси адабии онҳо бар асоси нусхаҳои хаттии дастрасшуда таҳия ва ба нашр омода гардад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқот.** Ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъоварии мавод, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани мақолаву маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ асоснок карда мешавад.

**Пешниҳоди диссертатсия ба шурои диссертатсионӣ.** Дар анҷоми маҷлис раисикунанда – иҷрокунандаи вазифаи декани факултети филологияи тоҷик, дотсент Тиллохоҷаева М.Н. дар бораи шахсият ва фаъолияти илмии докторант Ҳомидова Ш.М. сухан ронда, дар асоси андешаҳои дар маҷлис баёншуда чунин лоиҳаи хулосаи маҷлисро пешниҳод кард: диссертатсия дар мавзуи мубрам ва ҳанӯз таҳқиқнашуда бо назардошти амалисозии «Барномаи дурнамои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи адабиёти классикии тоҷик барои солҳои 2016-2020: Матншиносӣ, таҳияву тасҳеҳ ва нашри осори адабӣ» таълиф гаштааст, мазмуни кор ба мавзуъ ва шиносномаи ихтисос мутобиқ аст, автореферат муҳтавои диссертатсияро дар бар мегирад, натиҷаҳои таҳқиқ муфассал дар 12 мақолаи илмӣ интишор ёфтааст.

Бо назардошти андешаҳои боло, шурои олимон дар асоси музокираи ҷаласа ва тақризҳои мусбати муқарризони холис Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович – д.и.ф., мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ва Раҳматова Дилрабо Аҳмадҷоновна – н.и.ф., дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар маҷлиси васеи худ (протоколи № 2, аз 30-юми сентябри соли 2022) диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовнаро таҳти унвони «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» ҳамчун таҳқиқоти комилан анҷомёфта бо назардошти ислоҳи хатоҳои зикршуда барои баррасӣ ба шурои диссертатсионии 6D.КОА – 037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои дифоъ оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори

фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) пешниҳод менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул гардид.

**Иштирок доштанд:** 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ:

«тарафдор» – 20 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Протоколи № 2 аз 30-юми сентябри соли 2022.

**Раиси шурои олимон,**
**номзади илми филология, дотсент: Тиллохоҷаева М.Н.**

**Муқарризони экспертизаи давраи дуюми диссертатсия –**
**доктори илми филология, мудири**
**кафедраи назария ва таърихи**
**адабиёти Донишгоҳи давлатии**
**омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Солеҳов Ш.А.**

**номзади илми филология, дотсенти**
**кафедраи забони тоҷикии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Раҳматова Д.А.**

**Котиби маҷлис, н.и.ф., дотсент: Қосимова И.Т.**

**«Имзоҳои М.Н. Тиллохоҷаева, Ш.А. Солеҳов, Д.А Раҳматова ва И.Т.Қосимоваро тасдиқ мекунам».**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии**
**Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»: Наврӯзов Э.М.**
**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,**
**гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**